Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 014 назди
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи “Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон “барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- (Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита бо рушди соҳибкории истеҳсолӣ алоқаманд мебошад. Дар солҳои 90-уми асри гузашта, дар ҷараёни ислоҳоти аграрӣ дар мамлакат доираи фаъолияти соҳибкорон инкишоф ёфт, ки ин пурра ба соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Ба ҷараёни рушди соҳибкории кишоварзӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Ҳамоҳангсозии омилҳои зиёд ба таври одӣ ташаккул ёфта, асосҳоеро фароҳам месозад, ки усулҳои моделкунониро ҳангоми таҳқиқот ҳамоҳангсозии ин омилҳо дар тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ истифода намоем. Ҳамаи ин таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии ҷараёнҳо ва асосноксозии равишҳои навро барои ҳалли онҳо дар шароити ислоҳоти комплекси агросаноатӣ тақозо менамояд. Муаммои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз дидгоҳи ҳамоҳангсозии омилҳои макроиқтисодӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ таҳқиқ карда нашудаанд, ки диссертатсияи мазкур ба он бахшида шудааст.

Муаллиф тавонистааст, ки тамоюлҳои асосие, ки дар вайрон намудани принсипҳои бунёди фаъолияти соҳибкорӣ, ғайридавлатигардонӣ, истеҳсолоти майдаи молӣ, хоҷагиҳои хурд, ки ба ноустувории молиявии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишоварзӣ ошкор карда, роҳҳои илман ҳал намудани онҳо асоснок намудааст.

Ба назари диссертант, таъсиси хоҷагиҳои инфиродии ҳаҷман хурд аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нестанд, ки мутлақо дуруст аст. Пешниҳоди муҳаққиқ оиди зарурати ташкили хоҷагиҳои калони молӣ дар намуди ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корпоратсияҳои истеҳсолӣ ба талабот муосир мувофиқ мебошад, зеро ин гуна хоҷагиҳо дар бозор ба

рақобат тобовар буда, самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин карда метавонанд.

Дар қатори дастовардҳои илмӣ, автореферати диссертатсия аз камбудиҳо орӣ нест:

Агар муаллиф, самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзиро вобаста ба минтақабандии онҳо дар шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ вобаста ба шакли моликият таҳлил мекард ва бартарии онҳоро нишон медод моҳияти диссертатсия боз афзунтар мегардид.

Вале, ин эрод характери маслиҳатӣ дошта, наметавонад ба диссертатсия таъсири манфӣ расонад.

Бо назардошти дастовардҳои илмии муҳаққиқ, диссертатсияи Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи “Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон “ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ва миб Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, корманди шоистаи Тоҷикистон П.Д.Хоҷаев**

**Суроғаи донишгоҳ: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,**
**тел: (+992) 93 860 75 03 E-mail: hojaev123p@mail.ru**

**Имзои д.и.и., профессор П.Д.Хоҷаев-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва КМ ДДТТ Пирзода Р.Р.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ